# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Давлатзода Комрон Давлат дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст**

1. Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки даромади ҷинояткорони марбут ба истифодаи ғайриқонунии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҷаҳон, пас аз даромад, аз тиҷорати маводи мухаддир ва силоҳ дар ҷойи сеюм қарор дорад. Ин ба пайдоиши як намуди нави фаъолияти ҷиноятӣ, аз қабили киберҷиноятҳо, ки дар марҳалаи ҳозира ба сатҳи хеле баланд расидааст, мусоидат намуд.

Ҳамчунин, қобили зикр аст, ки рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва фазои маҷозӣ генезиси (пайдоиши) доимии киберҷиноятҳоро асоснок намуда, зарурати таваҷҷуҳи ҷиддиро ба ин самт аз ҷониби давлат, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҷомеаи илмӣ тақозо менамояд. Имрӯз, киберҷиноятҳо як мушкилоти ҷиддӣ ба ҳисоб рафта, метавон афзоиши босуръати киберҷинояткориро дар тамоми бахшҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ қайд намуд. Дар баробари ин бояд қайд кард, ки дар аксарияти ҳолатҳо ҷабрдидагони ин ҷиноятҳо ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мурочиат намекунанд. Бо вуҷуди шумораи зиёди ҷиноятҳо бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (минбаъд ТИК), дар қонунгузории Тоҷикистон мафҳуми «киберҷиноятҳо» вуҷуд надорад, ки ин на танҳо барои таҳияи чораҳои ҳуқуқӣ оиди мубориза бар зидди ин навъи ҷиноят дар сатҳи миллӣ, балки барои ҷамъоварии маълумоти муқоисашавандаи оморӣ, рушди системаи ягонаи баҳисобгирӣ, дар сатҳои гуногун мушкилотҳои зиёдеро ба миён меорад. Истилоҳи «киберҷиноятҳо» ҳоло дар баробари истилоҳи «ҷиноятҳои компютерӣ» истифода мешавад ва аксар вақт ин мафҳумҳо ҳамчун синоним истифода мешаванд. Воқеан, ин истилоҳот ба ҳамдигар хеле наздиканд, вале синоним маҳсуб намешаванд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни нишасти Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои эътимод дар Осиё, ки дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе баргузор гардид, таъкид намудаанд, ки ба амнияти минтақа бо миқёси афзоянда

терроризм, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, қочоқи маводи мухаддир ва киберҷиноятҳо таҳдид мекунад. Аз ин лиҳоз аъзоёни Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои эътимод дар Осиёро зарур аст, ки мубориза бар зидди ин хавфҳоро ҳадафи асосии фаъолияти мақомоти қудратии хеш қарор диҳанд. Барои илми ҳуқуқшиносӣ дар айни замон таҳияи системаи махсус ва ё мафҳумҳое, ки тавсифи дақиқи киберҷиноятҳоро аз нуқтаи назари тарзи содир намудан ва тасниф намудани ин кирдорро таъмин мекунанд, зарур аст. Кӯшишҳо дар ин самт аслан дар сатҳи тадқиқоти назариявӣ мебошанд ва ин мушкилот барои олимони мо низ хеле мубрам аст, зеро онҳо танҳо дар солҳои 90-уми асри гузашта ба он диққати ҷиддӣ дода буданд. Дар воқеъ «киберҷиноятҳо»-ин маҷмуи ҷиноятҳое, ки дар фазои маҷозӣ, тавассути шабакаи интернет, системаҳо ё шабакаҳои компютерӣ, инчунин дигар воситаҳои дастрасӣ ба фазои маҷозӣ, дар дохили системаҳо ё шабакаҳои компютерӣ содир шудаанд, ифода мегардад. Бояд тазаккур дод, ки тибқи маълумоти Форуми Ҷаҳонии Иқтисодӣ (минбаъд ФҶИ), шахсоне, ки тавассути истифодаи ТИК дар фазои маҷозӣ (дар шакли «мустақим») ҷиноят содир менамоянд, яке аз панҷ хатари асосии ҷаҳонии таҳдидкунанда ба амнияти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, зеро дар мавҷудият ва фаъолияти муваффақонаи тамоми бахшҳои иқтисодиёт чунин шахсон хатар эҷод менамоянд. Мутаасифона, ҳангоми истифодаи номувофиқ, рушди ТИК метавонад бар зарари аъзои ҷомеа истифода бурда шавад ва боиси пайдо шудану такмил ёфтани зӯровариҳо ва таҳдидҳои мухталифи киберӣ гардад, ки на ҳама вақт дидашавандаю ошкоршавандаанд. Мушкилоти пешгиринамоиву муқовимат бо ин гуна зуҳуроти номатлуб бошад, махсусан аз табиати ноаён доштани онҳо вобаста аст.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, таҳти №16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 2 монография, 28 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 20 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Давлатзода К.Д., истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Давлатзода К.Д., маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61 Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Давлатзода Комрон Давлат дар мавзуи: «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

– **Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон;

– **Салаев Нодирбек Сапарбаевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқии Тошкенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

– **Азимзода Назир Бозор** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқӣ Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе) таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ Сафарзода А.И.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ Искандаров З.Ҳ.

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ Азиззода У.А.

Имзоҳоро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ
«16» марти с. 2024 Тавқиев Э. Ш.